## ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

### Протоколи № 5.1

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 04 июли 2023 с.

Аъзоёни Шуро ҳамагӣ: 11 нафар

Иштирок доштанд: 11 нафар:

Ҷонмамадов Ш.Б. – д.и.и., профессор
Мирсаидов А.Б. – д.и.и., профессор
Бобоев К.О. – н.и.и.
Каримова М.Т. – д.и.и., дотсент
Қаюмов Н.К. – д.и.и., профессор, академик
Рауфӣ А. – д.и.и., профессор
Садридинов С. – д.и.к., профессор
Хоҷаев П.Д. – д.и.и., профессор
Хоналиев Н. – д.и.и., профессор
Усманова Т.Дж. – д.и.и., профессор
Шарипов Б.М. – д.и.и.

Шунида шуд: раиси комиссияи экспертӣ д.и.и., профессор Рауфӣ А., ки барои шиносоии пешакӣ ба кори диссертатсионии Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 -Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) таъсис дода шуда буд.

Кор таҳти роҳбарии н.и.и., дотсент Ҷабборов А.И. иҷро гардидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 -

Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ва самти ихтисосҳои Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 мувофиқ мебошад.

Муқаррароти асосии кори таҳқиқотӣ дар таълифоти илмии аз ҷониби муаллиф нашршуда дар ҳаҷми 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, таҷассуми пурраи худро пайдо намудааст.

Дар диссертатсия унвонҷӯй аз муаллифон ва манбаъҳои мувофиқаткунанда маводҳо ва иқтибос овардааст.

Диссертатсияи илмӣ зери тафтиши барномаи «Антиплагиат» қарор гирифта, аз натиҷааш маълумотнома аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи баланди 83,05% аслияти матн муайян шудааст (маълумотномаи санҷиш замима мегардад).

Комиссияи экспертӣ чунин меҳисобад, ки диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта буда, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф асоснок ва саҳеҳ мебошанд ва ба ҳимоя тавсия дода мешавад.

Бо дарназардошти фикрҳои дар боло зикршуда комиссияи экспертӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба ҳимояи расмӣ ва барои фиристодани автореферат иҷозат дода шавад.
2. Муқарризони расмӣ доир ба диссертатсияи илмии Турсунов Хушруз Муталибович шахсони зерин таъин карда шаванд:

- Раҳматзода Рустам – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Аюбов Диловар Мирзошарифович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Кори диссертатсионии Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимояи расмӣ пешниҳод карда шавад.

2. Муқаррароти асосии кори таҳқиқотии ба анҷомрасидонидашуда дар таълифоти илмии аз ҷониби муаллиф нашршуда, дар ҳаҷми 17 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст, қобили қабул дониста шавад.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда ба кори диссертатсионии Турсунов Хушруз Муталибович Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсаи Тоҷикистон муайян карда шавад.

4. Муқарризони расмӣ доир ба диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- Раҳматзода Рустам – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Аюбов Диловар Мирзошарифович - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёт ва идоракунии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

5. Таърихи рӯзи ҳимояи диссертатсия 19 сентябри соли 2023 таъйин карда шавад.

6. Барои нашри автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шуда, рӯйхати фиристодани он тасдиқ карда шавад.

7. Барои омода кардани лоиҳаи хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович А. Рауфӣ– доктори илмҳои иқтисодӣ, Шарипов Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ ва Садридинов С. - доктори илмҳои кишоварзӣ масъул дониста шаванд.

Овоз доданд: «тарафдор» – ҳама якдилона.

Раиси
Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Ш.Б. Ҷонмамадов

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ К.О.Бобоев